«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори МДТ-и «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»,
профессор Усмонзода Аюб Ислом
____________________________
«___»__________ 2023

# ХУЛОСАИ
## КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИКИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич дар мавзуи «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI–XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

М.Маҳмадшоев хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик (1996) буда, дар вазифаҳои муаллими забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №31 н.Айнӣ (1996-1999), муаллими забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №17 ш.Хуҷанд(1999-2000), котиби илмии факултети санъат (2000-2001), муовини декан оид ба корҳои илмии факултети санъат (2001-2011), мудири шуъбаи ғоибона (2011-2017), мудири шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ(2017-2020), мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот(2020-2022), мушовири ректор(аз 02.2022 то ҳол) фаъолият намудааст. Ӯ пайваста бо корҳои илмӣ машғул буда, иштирокчии чандин конфронсҳои байналмиллалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар буда, ҷоизадори озмуни донишгоҳии Олими сол(2022) мебошад. Барои фаъолияти пурсамараш бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, медали сарисинагии Аълочии маорифи Тоҷикистон, Ифтихорномаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои генералии иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Ифтихорномаву Сипосномаи раёсати донишгоҳ қадр карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Салимӣ Носирҷон Юсуфзода– академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, аъзои Комиссияи маркази интихобот ва раъйурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар Шӯрои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 30.09.2020, қарори №2 тасдиқ карда шудааст.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:**

Рисолаи доктории Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки андешаҳои интиқодию сухансанҷӣ, афкори адабӣ оид ба шеваи баёни шуарои қарнҳои XYI-XYII, масъалаҳои ҷойгоҳи нақд дар тазкираҳо ва осори таърихии адабиёти тоҷику форс, заминаҳои ташаккул ва рушди нақд, анвои нақди адабӣ, намунаҳои нақди адабӣ ва афкори интиқодӣ дар осори адабиву таърихӣ, нақшу арзиши адабии осори таърихиву адабии асрҳои XYI-XYII, мактабҳо, ҳавзаҳои адабӣ ва таъсири он ба адабиёти давр инъикос гардидааст.

Ҳадафи меҳварии диссертатсия таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои нақду сухансанҷӣ, заминаҳои пайдоиши нақди адабӣ дар адабиёти давр, омилҳои инкишофи нақди шеър дар адабиёти асрҳои XVI-XVII, таъсири сабки ҳиндӣ дар ривоҷи шеър ва нақди адабӣ, таъсири нақди шеър дар такомулу равнақи ғазалсароӣ, мақоми шоирони давр дар инкишофи нақди адабӣ, нуфузи тазкиранигорӣ дар рушди нақди адабӣ мебошад.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки муҳоҷирати аҳли илму адаб ба Ҳиндустон, густариши муҳити муносиби эҷодӣ тавассути корсозӣ ва пуштибонии салотини Темурия, тарҷумаи осори Ҳинди бостон ба забони форсӣ омезиши ҷадиди суннатҳои адабии Аҷам ва Ҳиндро падид овард, ки шаклгирии сабки ҳиндӣ аз бисёр ҷиҳатҳо паёмади ҳамин ҳамгироии анъанаҳои нирӯманди ин ду сарзамини фарҳангпар мебошад.

Натиҷаҳои пажуҳиш далел бар онанд, ки анъанаи нақду сухансанҷӣ минбаъд низ идома ёфта, дар тазкираҳои асрҳои баъдина ҳам мавкеи махсусро соҳиб гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аз ҳаллу фасли масъалаҳои таърих ва назарияи адабиёт, аз ҷумла, нақду сухансанҷӣ дар ашъори адибони асрҳои XVI-XVII, дар осори ёддоштиву таърихӣ ва тазкираҳои давраи мазкур, фаъолияти маҳфилҳои адабӣ дар қаламрави забони тоҷикӣ-форсӣ, мавҷудияти равобити адабӣ дар байни адибони тоҷику эронӣ, анъанаҳои шеъри классикии форсӣ:

бедилгароӣ, пайравӣ ва татаббуъ, идома ва рушди суннатҳои эҷоди анвои адабии шеъри тоҷикӣ, муҳимтарин мавзуоти шеъри замон ва монанди инҳо маҳсуб мешавад.

Аҳамияти амали рисола дар таҳқиқи монографии масъалаҳои нақду сухансанҷии асрҳои XVI-XVII зоҳир мегардад. Маводҳои амалӣ ва назарии диссертатсияро дар раванди тадриси фанни нақди адабӣ дар адабиёти классикӣ барои донишҷӯёну магистрантони риштаҳои филологӣ, шарқшиносӣ ва таърих метавон истифода бурд.

Зимни тадқиқи диссертатсия пажуҳишу тадқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, чун С.Айнӣ, Е.Бертелс, Э.Браун, И.Брагинский, Г. Маонӣ, А. Зарринкӯб, С. Шамисо, М. Футуҳӣ, Ш. Кадканӣ, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, А. Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, Ю.Салимов, С.Саъдиев, С.Воҳидов, С.Амиркулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, Н. Сайфиев, А.Кучаров, М.Мирзоюнус, З. Ғаффорова, Б.Раҳимӣ, Ш.Суфизода, Р.Тағой-муродов, О.Саидҷаъфаров, М.Нарзиқул, Н.Нуров ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқ аз нукоти зерин иборат мебошад:

-дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмӯи масъалаҳои марбут ба масъалаҳои асосии нақду сухансанҷӣ ба таври комплексӣ дар алоқамандӣ бо ҳавзаҳои адабии Варорӯд, Эрон ва Ҳиндустон мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шуд.

- дар ҷараёни таҳқиқ бо такя ба афкори адабии суханварон ва маълумоти тазкиранависон мавҷудияти ағлаби анвои нақди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII ба исбот расид. Дар сурати ба як низом даровардани андешаҳои адабии шоирони даврони мазкур дар бобати робитаи лафзу маънӣ, вижагиҳои сабки ҳиндӣ, хосатан тарзи хаёли печида имкон дорад, ки оид ба нақди адабӣ ва таъриху таҳаввули он барои мутахассисону толибилмон дастурҳои таълимӣ таълиф карда шавад.

-дар асоси андешаҳои адабии шоирони садаҳои XVI-XVII ва баҳои тазкиранависон дар қаламрави шеъри дарӣ оид ба сувари хаёл, нақди лафз, нақди маънӣ, вобастагии лафзу маънӣ, ҷазабаву илҳом, зарурат, таворуду сирқот, вежагиҳои сабки ҳиндӣ, хосатан тарзи хаёли печида, ривоҷи бесобиқаи нақду сухансанҷӣ дар адабиёти ин давраҳо ба субут расид.

-дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал нақш ва таъсири маҳфилҳои адабӣ ба осори суханварони асрҳои XVI-XVII дар Эрон, Варорӯд, Ҳиндустон ва ҷойгоҳи он дар рушду инкишофи нақди адабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуд.

-дар асоси ахбору иттилои тазкираҳо ва ишораҳои адибону хулосаҳои муҳаққиқон, аз ҷумла Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадҷаводи Маҳдавӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммади Ризоӣ, Орзу Нақизода муаллифи рисола бори аввал сабабҳои пайдоиши таноқузи сабкӣ миёни адибони эрониаслу ҳиндунажоди асрҳои мавриди назарро ба таври мушаххас матраҳ намудааст.

**Мақсади тадқиқот.** Таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои нақду сухансанҷӣ, заминаҳои пайдоиши нақди адабӣ дар адабиёти давр, омилҳои инкишофи нақди шеър дар адабиёти асрҳои XVI-XVII, таъсири сабки ҳиндӣ дар ривоҷи шеър ва нақди адабӣ, таъсири нақди шеър дар такомулу равнақи ғазалсароӣ, мақоми шоирони давр дар инкишофи нақди адабӣ, нуфузи тазкиранигорӣ дар рушди нақди адабӣ мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ баррасии масоили зерин дар меҳвари пажуҳиши мо қарор гирифтааст:

-омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии асрҳои XVI-XVII, таъсири манфии зиддиятҳои мазҳабӣ ба адабиёти давр;

-таҳқиқи таҳаввулоти адабӣ дар қаламрави Ҳинд ва таъсиру нақши он ба доираҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр;

-омилҳои инкишофи адабиёти форсизабони Ҳинд, таъсири он ба рушди нақди адабии давр ва асрҳои баъдии адабиёти тоҷику форс;

-таҳқиқи сабабҳои рушду тавсеаи тазкиранависӣ ва нақди адабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон;

-баррасии шеваҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII;

-таҳқиқи анвои нақди адабӣ дар адабиёти давр;

-таҳқиқи нақши маҳфилҳои адабии Эрон, Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон дар инкишофи нақду сухансанҷӣ;

-баррасии афкори адабӣ дар ашъори шоирони асрҳои XVI- XVII;

- нақд-уш-шеър дар осори адабиётшиносии давр;

- андешаҳои адабӣ дар осори ёддоштӣ;

- афкори адабии осори таърихӣ;

- усулҳои нақди шеър дар тазкираҳо;

-назари тазкиранависон ба аҳвол ва ашъори шоирони мутақаддим;

- нақди шеъри ҳамзабонон дар тазкираҳо;

- равобити адабии шоирони Мовароуннаҳру Эрони асрҳои XVI-XVII

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1.Аҳволи вазнини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Варорӯд, Хуросон ва Эрон сабаби асосии таназзули ҳаёти илмиву адабӣ дар асри XYI гардидааст, ки ин нукта дар осори адабиву таърихӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ зикр шудааст.

2. Ташкили давлати Темуриёни Ҳинд ва пуштибонии амирони темурӣ аз адибони форсигӯ боиси ривоҷи адабиёти тоҷику форс дар қаламрави Ҳинд гардид, ки далели он ташкили ҳавзаҳои адабии Деҳлӣ, Кашмир, Лоҳур, Агра ва ғ.мебошад.
3. Нақди адабӣ, ки аз даврони куҳан дар осори донишмандону ҳакимони юнонӣ матраҳ гардида буд, дар таърихи адабиёти тоҷику форс низ собиқаи тулонӣ дорад. Дар ҳамин равиш таълифи чандин осори адабиётшиносии даврони гуногун яке аз омилҳои густариши нақду сухансанҷӣ дар адабиёти асрҳои XYI- XYII гардидааст.
4. Анвои нақди адабӣ дар осори суханварони асрҳои XYI- XYII гуногун буда, шуарои ин аҳд нақди ахлоқӣ, нақди иҷтимоӣ, нақди равоншиносӣ, нақди таърихӣ, нақди фанниро бештар мавриди истифода қарор додаанд.
5. Афкори адабӣ ва интиқодии адибони асрҳои XYI- XYII равшан намуд, ки аксари онҳо бо ашъори хеш ифтихор дошта, дар баъзе мавридҳо осори суханварони муосири хешро пайравӣ ва ё нақд кардаанд.
6. Дар ашъори шуарои асрҳои XYI- XYII муҳимтарин суннатҳои поэтикии шеъри классикии тоҷик ҷилвагар шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо истиқбол аз сабки суханварии қудамо, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар қолабҳои анвои шеърӣ, татаббуъ ва назирагӯйӣ, истифодаи ҳунармандонаи саноеи бадеӣ ба шумор меравbooks.
7. Тазкираҳо аз шумори муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзиши нақди адабии асрҳои XYI- XYII маҳсуб ёфта, маҳз тавассути онҳо андешаҳои интиқодии арзишманд оид ба осору аҳволи суханварони ин аҳд баррасӣ гардидааст ва аз ин рӯ тазкиранависонро сабкшиносу мунаққидони осори адабӣ номидаанд.
8. Осори мансури таърихиву ёдоштии қарнҳои мазкур барои омӯзиши афкори адабиву интиқодии суханварони асрҳои XYI- XYII бисёр муҳим ҳисобида мешавад.
9. Омӯзиши нақди адабӣ дар осори адабиётшиносии асрҳои мавриди назар нишон дод, ки аз ҷониби донишмандони ин аҳд корҳои арзишманди илмӣ ба ёдгор мондааст, ки дар ин самт асноди тоза ба шумор меравад.
10. Дар адабиёти асрҳои XYI- XYII фаъолияти густурдаи маҳфилҳои адабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳиндустон ба назар мерасад, ки нақши онҳо дар рушди нақди адабии давр муҳим арзёбӣ гардидааст. Ба воситаи ҳамин маҳфилҳо робитаҳои адабии шоирони даврони зикршуда побарҷо мондааст.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 19 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:**

[1-М]. Маҳмадшоев, М. Зикри Ҳофизи Таниш дар сарчашмаҳои адабиву таърихии асри ХУ1[Матн]/ М.Маҳмадшоев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2020.- №4.[65].–С.119-122.

[2-М]. Маҳмадшоев, М. Арзиши адабии “Шарафномаи шоҳӣ» [Матн]/ М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2020. -№6[89]. -с.204-208.

[3-М]. Маҳмадшоев, М. Ситоиши ҳунармандон ва аҳли санъат дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихии асри ХУІ[Матн]/ М.Маҳмадшоев// Паёмномаи фарҳанг, нашрияи илмию таҳлилӣ, 2021.-№1[53].-С.66-74

[4-М]. Маҳмадшоев, М. Тасвири симои аҳли адаб, илм ва ҳунар дар “Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммад Бобур[Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2021.-№2.-С.159-166

[5-М]. Маҳмадшоев, М. Доир ба адабиёти тоҷик дар ҳавзаи адабии Самарқанд[Матн] /М. Маҳмадшоев// Маҷаллаи илмии Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2021.-№3.-С.93-99.

[6-М].Маҳмадшоев, М. Шеваҳои ривоҷи накди ахлоқии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII[Матн]/ М.Маҳмадшоев. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, 2021. -№1-4(92). -С.17-21.

[7-М]. Маҳмадшоев, М. Баъзе хусусиятҳои адабиёти нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI [Матн]/ М.Маҳмадшоев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021.-№4[93]. -С.183-187.

[8-М]. Маҳмадшоев, М. Омилҳои ташаккул ва рушди накди адабӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ, 2021.- №6. -С.167-174

[9-М]. Маҳмадшоев, М. Тасвири пайванди адабӣ дар тазкиранигории адабиёти форсӣ-тоҷикии асрҳои XVI-XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021.-№6[95]. -С.159-163

[10-М]. Маҳмадшоев, М. Баъзе намунаҳои накди адабӣ дар “Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ[Матн] / М.Маҳмадшоев// Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ, 2022. -№1(90). -С.31-382.

[11-М]. Маҳмадшоев, М. Афкори адабии шуарои асрҳои XVI-XVI [Матн] / М. Маҳмадшоев// Маҷаллаи илмии Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, 2022.- №1(70). -С.68-74.

**[12-М].** Маҳмадшоев, М. Анвои нақд дар адабиёти асрҳои XVI ва XVII [Матн] / М.Маҳмадшоев// Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, 2022. -№2, -С. 256-262

**[13-М].** Маҳмадшоев, М. Нақду баррасӣ ва андешаҳои адабиву интиқодӣ дар "Тазкираи Насрободӣ» [Матн]/М.Маҳмадшоев// Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, 2022. -№3. -С.171-177.

**[14-М].** Маҳмадшоев, М. Шеваи баён ва андешаҳои адабии Шавкати Бухороӣ. [Матн] / М.Маҳмадшоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 2022.- №1/3(101).-С.15-21

**[15-М].** Маҳмадшоев, М. Афкори адабии Ҳилолӣ [Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, 2022.-№6. -С. 168-174

**[16-М].** Маҳмадшоев, М. Ифодаи эҳтирому дилбастагӣ нисбат ба адибони шинохта дар ашъори Соиб [Матн] / М.Маҳмадшоев. Паёми Донишкадаи забонҳо. 2022. -№ 3(47). –С.95-99

**[17-М].** Маҳмадшоев, М. Намунаҳои нақди адабӣ ва афкори интиқодӣ дар "Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ[Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, 2023.-№3. -С.216-223

**[18-М].** Махмадшоев М. Тазкира(антологии) и литературно-исторические труды как источники изучения истории культуры и литературы таджикского народа(XYI в.) // Вестник РТСУ. Научный журнал. 2023.-№1(79).- С. 186-193

**[19-М].** Маҳмадшоев, М. Инъикоси ашъори ифтихорӣ ва ҷойгоҳи сухан дар осори Соиби Табрезӣ[Матн] / М.Маҳмадшоев, М.Ҳасанова. // Гузоришҳои Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2023.-№1(021). -С.234-238

**[20-М].** Маҳмадшоев, М. Ҷойгоҳи нақди маърифативу ахлоқӣ дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI - XVII [Матн] / М. Маҳмадшоев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, 2023.-№4. -С.199-204

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст.

Кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевичро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар

сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 4 доктори илми филология, профессорон М. Мирзоюнус, Т.Султонзода, Н.Нуров, З. Улмасова, 14 нафар номзадҳои илми филология, дотсентон С.Саидов, М.Ӯрунова, Ш.Тоҷибоев, Ҳ.Зоиров, Н.Пулотов, С. Мирзоев, М.Бобоева, М.Нуруллоева, А.Ҳоҷиев, С.Азизов, Р.Абдуллоев, Ш.Шарифов, С. Аъзамзод, М.Мавлонова ва 1 нафар муаллими калон Т.Ашрапова иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи №11-ум аз 23-юми июни соли 2023

**Раисикунанда,**
**профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики**
**МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**доктори илми филология, профессор** **Нуров Нуралӣ**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,
тел. (+992) 92-876 37 67
E-mail: nurali74@mail.ru

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи адабиётиклассикии**
**тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**номзади илми филология** **Азизов Сорбон**

«Имзоҳои Н. Нуров ва С.Азизов-ро тасдиқ мекунам»:
**Сардори раёсати кадр ва корҳои**
**махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Эҳсон**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru